Бо қарори раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «____» ______________ №___
тасдиқ шудааст

Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон

Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд – Тартиб) мутобиқи моддаи 66 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия гардида, коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

1. Пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун пули коршоями пардохтпазир озодона гардиш менамоянд, агар дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати воситаи қонунии муомилот ва пардохти нақдӣ дар гардиш қарор дошта бошанд, дорои аломатҳои қалбакисозӣ ва дигаргунсозӣ набуда, дар аслияташон шубҳа вуҷуд надошта бошад ва нишонаҳои фарсудашавии зеринро надошта бошанд:

1) пулҳои коғазии бо нишонаҳои фарсудашавии зерин :

- чиркиншуда ва равғанолуд, агар унсурҳои ҳимоявии онҳо номаълум шуда бошанд;
- рахшикаста, агар ранги раххои шикаста ба қадри аён рафта бошад;
- ғиҷимшуда, агар аз ҷониби мошини ҳисобкунӣ хонда нашавад;
- дорои сӯрохиҳои қутрашон 5 мм ва зиёда аз он, агар онҳо дар натиҷаи хӯрдашавии табиӣ ба вуҷуд омада бошанд;
- чокҳо ба андозаи 10мм ва зиёда аз он;
- доғҳо аз моддаҳои рангӣ бо қутри 10мм$^2$ ва зиёда аз он;
- навиштаҷоти аломатҳои бегона (калимаҳо ё ададҳо) иборат аз ду аломати дароз ва зиёда аз он ё се аломати кӯтоҳ ва зиёда аз он (андозаи 10мм дарозӣ ва зиёда аз он, 30мм паҳноӣ ва зиёда аз он);
- акси тамғаҳо;
- набудани кунҷҳо ва атроф, аз ҷумла қисман сӯхтагиҳо ба дарозии 5мм ва зиёда аз он ва паҳноии 5 мм ва зиёда аз он;
- набудани риштаи ҳимоявӣ, агар он ба шинохта шудани аслияти пулҳои коғазӣ монеъ шавад ва шаҳодати ботил будани пулҳо бошад;

2) тангаҳои бо нишонаҳои фарсудашавии зерин :

- ба тағйирёбӣ дучоршуда (хӯрдашуда, шаклан дигаршуда, каҷшуда, буридашуда, дорои сӯрохиҳо, аз таъсири моддаҳои кимиёвӣ нуқсондида, аз оташ осебдида), агар тасвирҳои аверс ва реверси онҳо эмин монда бошанд);
- тангаҳои дорои нуқсони истеҳсолӣ.

2. Пулҳои коғазии дорои осебҳои зайл барои пардохт ва иваз намудан танҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ қабул карда мешаванд:

1) қисман боқимонда, ки на кам аз 55 фоизи масоҳати сатҳи ибтидоии пулро ташкил медиҳад;

2) дар ҳолати мавҷуд будани ду қисмати тарафҳои дорои силсила ва рақамҳои якхелаи пулҳои коғазӣ, агар дар якҷоягӣ на кам аз 55 фоизи масоҳати сатҳи ибтидоии онро ташкил намоянд;

3) дарида ва аз ду нимаи арзиши якхела ширешкардашуда, ки ҳар кадом баробар ба 50 фоизи сатҳи ибтидоии пул буда, дорои силсила ва рақамҳои якхела ё гуногун мебошанд ва агар тасвирҳои онҳо аз якдигар фарқ кунанд (ҳатман аз тарафҳои аломати обидор ва расмдор иборат бошанд);

4) аз пораҳои тасодуфан даридаи пул тартибдодашуда, дар ҳолати мутобиқати ҳамаи унсурҳо ва тасвирҳо ва тааллуқ доштани пораҳои ширешкардашуда ба як пул, инчунин мавҷуд будани зиёда аз 70 фоизи масоҳати сатҳи ибтидоии он;

5) пулҳои коғазии дирам, ки на кам аз 55 фоизи масоҳати сатҳи ибтидоиашон боқӣ мондааст;

6) пулҳои коғазии дирами аз ду қисмати на кам аз 45 фоизи масоҳати сатҳи ибтидоӣ ширешкардашуда;

7) пулҳои коғазии дорои нуқсони чопӣ (аз қабили чоп нашудани тасвирҳои алоҳида, ё кaҷ чоп шудани онҳо, пайдо набудани тасвирҳо ё раҳҳои тӯрии ҳимоявӣ дар рӯй ва тарафи паси пул);

8) пулҳои коғазии бо асбобҳои буранда буридашуда ва ширешкардашуда бо назардошти мутобиқати ҳамаи унсурҳо ва тасвирҳо, ки на камтар аз 90 фоизи сатҳи ибтидоии пулро ташкил медиҳанд.

3. Иваз намудани пулҳои коғазӣ ва тангаҳои фарсудаи дар зербандҳои 1) ва 2) банди 1 ва пулҳои осебдидаи дар банди 2 Тартиби мазкур пешбинишуда дар асоси муроҷиати шифоҳии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ бе маҳдудият, ройгон анҷом дода мешавад.

4 . Пулҳои коғазӣ ва тангаҳои дорои осебҳои зерин корношоям ҳисобида шуда, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ қабул ва иваз карда намешаванд:

1) пулҳои коғазии аз пораҳои бо асбобҳои буранда қасдан буридашуда ва ширешкардашуда, ки сатҳашон камтар аз 90 фоизи сатҳи ибтидоии пулро ташкил медиҳад ё тааллуқ доштани пораҳои ширешкардашуда ба як пул шубҳаангез бошад;

2) дар сурати мавҷудияти ҳатто 100 фоизи сатҳи ибтидоии пулҳои коғазии бо асбобҳои буранда буридашуда, агар ҳаҷм, тарзи буриш ва ширеш кардани онҳо аломатҳои дигаргунсозиро (сохтакорӣ) бо мақсади қаллобӣ дошта бошанд;

3) тангаҳое, ки арзишашон, нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, расмҳои ходимони барҷаста ба дараҷаи шинохтанашаванда осеб дидаанд.

5. Барои муайян намудани сатҳи боқимондаи пулҳои коғазии фарсудашуда ва осебдида ҷадвали тӯрии ба Тартиби мазкур замимашуда истифода карда мешавад .

Пулҳои коғазии фарсудашуда ва осебдида ба болои ҷадвали тӯрӣ тарзе гузошта мешаванд, ки тарафҳои ростхати боқимондаашон ба марзҳои тӯр мувофиқ оянд. Агар ягон тарафи ростхати пул боқӣ намонда бошад, он гоҳ ду тарафи камтар фарсудашуда ва осебдидаи он бо канорҳои поёнӣ ва рости тӯр гузошта мешавад. Атрофи канораҳои пули коғазии фарсудашуда ва осебдида бо хат кашида мешавад. Шумораи катакчаҳое, ки аз болои онҳо хат гузаштааст, ҷамъбаст карда шуда, ба ду тақсим карда мешавад (мисол: 32:2=16). Ба шумораи ҳосилшуда (яъне 16) адади катакчаҳои бо сатҳи пули коғазӣ пурра пӯшонидашуда зам карда мешавад (мисол: 94+16=110). Пулҳои коғазӣ он гоҳ ивазшаванда ҳисобида мешаванд, ки шумораи умумии бо чунин тарз ҳосилкардашудаи катакчаҳо на кам аз 110 адад бошад. Андозаи ҷадвали тӯрӣ ба андозаи сатҳи пулҳои коғазии ташхисшаванда бояд мутобиқат намояд.

6. Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои сифати муносиби пулҳои коғазӣ ва тангаҳои дар муомилотбуда масъул буда, пулҳои коғазӣ ва тангаҳои фарсуда ва осебдидаи дар зербандҳои 1) ва 2) банди 1 ва банди 2 Тартиби мазкур номбаршударо, ки ба хазинаҳои онҳо ворид шудаанд, минбаъд ба муомилот ва гардиш намебароранд.

7. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои муайян намудани фарсудашавӣ ва аслияти пулҳои коғазӣ бояд мутобиқи замимаи 1 Дастурамали №227 «Оид ба корҳои хазинавӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 сентябри с.2017, №129 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2017, №531 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, дастгоҳи техникии дахлдор дошта бошанд.

8. Пулҳои коғазӣ ва тангаҳои аслияташон шубҳанок барои гузаронидани муоина ба департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадории Бонки миллии Тоҷикистон ирсол карда мешаванд.

Замима ба Тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон

# Ҷ А Д В А Л

барои муайян кардани коршоямии пулҳои коғазии Бонки миллии Тоҷикистон

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| a | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| b | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| c | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| d | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| e | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| f | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| g | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| h | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| i | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| j | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Эзоҳ: 200 катак ба масоҳати 100 фоизи сатҳи пули коғазӣ мувофиқ мебошад.